Расули Худо (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) закоти фитрро бар ҳар ғулом ва озод, мард ва зан, хурдсол ва калонсол аз миёни мусалмонон, аз ҳар нафар як соъ хурмо ё як соъ ҷав, фарз намуданд. Ва амр карданд, ки онро пеш аз рафтани мардум ба намоз (-и ид) пардохт кунанд

Аз ибни Умар (разияллоҳу анҳумо) ривоят аст, ки гуфт: Расули Худо (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) закоти фитрро бар ҳар ғулом ва озод, мард ва зан, хурдсол ва калонсол аз миёни мусалмонон, аз ҳар нафар як соъ хурмо ё як соъ ҷав, фарз намуданд. Ва амр карданд, ки онро пеш аз рафтани мардум ба намоз (-и ид) пардохт кунанд.
[Саҳеҳ] [متفق عليه]

Расули Худо (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) закоти фитрро пас аз Рамазон воҷиб гардониданд, ки миқдораш як соъ, баробар ба чаҳор муд аст. Муд миқдори хурмо ё ҷавест, ки ду кафи ба ҳам пайвастаи марди миёнаҷуссаро пур мекунад. Закоти фитр бар ҳар мусалмон — озод ё ғулом, мард ё зан, хурдсол ё калонсол — воҷиб аст. Касе, ки аз хӯроки як шабонарӯзаш зиёдатӣ дорад, бояд аз номи худ ва касоне, ки таъминоташон бар дӯши ӯст, закоти фитр бидиҳад. Ва фармуданд, ки онро пеш аз рафтани мардум ба намози Ид пардохт кунанд.

http://sunnah.global/hadeeth/tg/show/4520